**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Суфиёи Ҷаннатмир «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Халилуллоҳи Халилӣ яке аз шоирони машҳур, навгӯву навҷӯ ва донишманди адабиёти муосири Афғонистон аст, ки дар ашъори ӯ масъалаҳои гуногуни иҷтимоии замонаш акси воқеии худро ёфтаанд. Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар адабиётшиносии муосири Афғонистон моҳияти баланди илмӣ дорад, чунки ин шоири боном дар ашъори худ ин масъалаҳои печидаи иҷтимоиро ошкоро ва бепарда баён дошта, ҳамвора ҳалли воқеии онро хостааст.

Масъалаҳои ҷасорату ватандӯстӣ, даъват ба иттиҳод, мубориза бо тафриқа, ривоҷу равнақи маориф ва таълиму тарбия, интиқод аз сиёсати нодурусти зимомдорони вақт, хотимаи ҷанг, барҳам задани ихтилофоти қавмиву мазҳабӣ, беадолатии иҷтимоӣ, поймол шудани ҳуқуқҳои инсон ва ғайра аз мавзӯъҳое мебошанд, ки шоир ин мавзӯъҳоро, ки дар Афғонистон солҳои зиёд аст, ки ҳалли худро наёфтаанд, ҳамвора пайгирӣ карда, ашъори хеле ҷолиб офаридааст. Ин ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар жанрҳои гуногуни адабӣ – рубоӣ, қитъа, ғазал, қасида, суруд, тарҷеъбанду таркиббанд ва намунаи шеъри нимоӣ эҷод шуда, дар ин намунаҳо шоир садои дили мардуми азияткашидаи Афғонистонро баён намудааст.

Ҷанбаҳои ҳамосиву лирикӣ ва ирфониву дунявӣ дар ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар ҳамбастагӣ ба назар мерасад, ки шоир онҳоро дар пироҳани зебои бадеӣ ба зевари табъ кашидааст ва таҳқиқи адабиётшиносии онҳо аз ҳар ҷиҳат зарур ва муҳим аст, чунки ашъори ин шоир аз нигоҳи шаклу мазмун ва дороиҳои забонӣ намунаи шеъри баланд аст. Аз нигоҳи мавзӯъ низ ашъори Х.Халилӣ аз шеъри дигар ҳамасронаш бо вусъати андеша ва баён хеле ғанӣ буда, аз нигоҳи шакл, жанрҳои адабӣ ва корбасти санъатҳои бадеӣ вежагии махсус дорад ва сазовори пажӯҳиши ҷиддӣ аст.

Халилуллоҳи Халилӣ дар бисёр маврид андешаҳояшро ба таври танқид баён кардааст ва ин масъалаҳо ҳарчанд ба таври назариявӣ баён шудаанд, аммо аз моҳияти амалӣ низ бархурдоранд. Шоир дар бисёр маврид ҳамчун мунаққиди масъалаҳои иҷтимоӣ баромад кардааст ва андешаҳояш то ҷое ба нақди иҷтимоӣ мегароянд ва ҳалли онҳо орзуи ҳамешагии ӯст.

Диссертатсияи Суфиёи Ҷаннатмир «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» ба таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ бахшида шудааст ва аз проблемаҳои муҳим дар адабиёти муосири Афғонистон мебошад, ки аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома фароҳам омадааст. Мақсади аслии муҳаққиқ баёни шинохти дақиқу ҷомеъ аз шахсияти адабӣ ва таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Х.Халилӣ аст, чунки то кунун ин паҳлуи ашъори ӯ ба шакли монографӣ таҳқиқ нашудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия С.Ҷаннатмир ҳамаи тадқиқоти пешинро оид ба рӯзгору осори Х.Халилӣ, ки анҷом пазируфтаанд, як-як баён дошта, ҳадафу вазифаҳои тадқиқот, навовариҳо, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, усули тадқиқот ва масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, бо як низоми муайян баён доштааст, ки бозгӯи дастрасии хуби муҳаққиқ ба мавзӯъ аст.

Боби якуми диссертатсия «Мухтасари шарҳи ҳол ва осори Халилуллоҳи Халилӣ» номида шуда, аз шаш фасл фароҳам омадааст. Дар ин фаслҳо С.Ҷаннатмир масъалаҳои шарҳи ҳоли Х.Халилӣ, осори Х.Халилӣ, вежагиҳои муҳтавои осори Халилӣ, қолабҳои шеърӣ, сабку баён ва Халилӣ-оғозгари шеъри нимоиро, ки аз масъалаҳои хеле муҳими рӯзгору осори шоир аст, ба риштаи таҳқиқ гирифтааст. Оид ба рӯзгору осори Х.Халилӣ қаблан тадқиқотҳо иҷро шудаанд, вале андешаҳо ва дастовардҳои С.Ҷаннатмир оид ба масъалаҳое, ки дар боби якуми диссертатсия матраҳ шудаанд, ҷолибтаранд. Дар ин ҷо муаллиф ба рӯзгори шоир назари тадқиқии жарф андӯхта, ҷузъиётҳоеро мавриди тафаҳҳус қарор додаст, ки қаблан дар дигар тадқиқотҳо ба назар намерасанд. С.Ҷаннатмир осори Х.Халилиро, ки дар Афғонистон, Эрон, Покистон, мамолики арабӣ ва Туркия ба нашр расидаанд,

як-як бозгӯӣ карда, чунин таъкид мекунад, ки: «Осори офаридаи Х.Халилӣ дар назму наср, таърих, нақди адабӣ, тасаввуф ва дигар соҳаҳои илм зиёда аз 50 асарро ташкил медиҳад. Вале ин теъдод ҳанӯз ҳам шумораи пурраи осори Халилиро муайян карда наметавонад, чунки асару мақолаҳои зиёде дар Кобул, Ҷидда, Бағдод, Кувайт, Туркия, Сурия, Эрон, Қоҳира ва Покистон ба нашр расида, дастрас нашудааст ва кори оянда аст» (Автореферат, саҳ.10).

Масъалагузориҳо, баҳсҳо, натиҷагириҳо дар боби якуми диссертатсия, ки С.Ҷаннатмир баён доштааст, ҳамагӣ дар чаҳорчӯбаи илми адабиётшиносӣ, нусхашиносӣ ва сарчашмашиносӣ баён шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» унвон дошта, аз 11 фасл иборат аст. Дар ин боб муҳаққиқ масъалаҳои иҷтимоии ватан ва диёр, мақоми зан ва модар, мавзӯи маориф ва таълиму тарбия, даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа, интиқод аз сиёсат, ситоиши муҷоҳиддин ва размандагон, баёни масоиб ва душвориҳои ҷанг, интиқоди ихтилофоти қавмӣ ва мазҳабӣ, интиқод аз беадолатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҷанбаи муқовимат, шарҳи ранҷи ғурбат ва баёни мушкилоти муҳоҷират, ки аз масъалаҳои хеле мубрами ҷомеаи Афғонистон аст ва дар ашъори Х.Халилӣ бо як ҳиссиёти баланд баён шудаанд, бо овардани мисолҳои зиёд таҳлил ва таҳқиқ кардааст.

Хулосаи таҳқиқро унвонҷӯ дар 10 банди мушаххас ҷамъбаст намудааст.

Автореферати диссертатсияи Суфиёи Ҷаннатмир бо забони равони илмӣ нигошта шуда, андешаронӣ, сабки нигориш, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзӯъ назаррасанд. Мақолаҳои чопнамудааш муҳтавои диссертатсияро бозгӯӣ мекунанд. Аз баррасии автореферат ба назар мерасад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар омӯзиши вежагиҳои ашъори Х.Халилӣ мебошад. Сохтор ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, автореферат мундариҷаи тадқиқоти илмиро бозгӯӣ мекунад.

Новобаста аз бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур медонем:

1.Дар автореферат дар бораи тадқиқоти муҳаққиқи афғонистонӣ Аҳмад Фариди Асадуллоҳӣ, ки ба ғазали муқовимати Афғонистон оид аст, ишорае нест, чунки Х.Халилӣ дар эҷоди ғазали муқовимат аз шоирони пешкисват аст.

2.Дар саҳ 7-и автореферат ду маротиба банди «Аҳамияти назарии рисола» омадааст, ҳол он ки банди дуюм бояд «Аҳамияти амалии рисола» бошад.

3.Фасли якуми боби якуми диссертатсия «Мухтасари шарҳи ҳоли Халилуллоҳи Халилӣ» хусусияти нақлро гирифтааст.

Ин камбудиҳое, ки ин ҷо баён кардем, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба диссертатсия камӣ ворид намекунанд ва ислоҳшавандаанд.

Автореферати диссертатсияи Суфиёи Ҷаннатмир «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» аз рӯи моҳияти мавзӯи тадқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни тадқиқот, дастрасӣ ба маводи тадқиқшаванда, шеваи тадқиқ, аҳамияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик комилан мувофиқ аст ва муаллиф сазовори унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия Холов Холмаҳмад Раҷабович**

**Имзои Холов Х.Р.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори ШК ДСТР Алиев Ҳамрохон Ҷумъаевич**

**Адрес: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, Испечак,х.168**
**Тел: +992(37)227-33-73**
**Моб:992 (90) 772-39-04**
**E-mail: hol 56@ list. ru**